# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҚАРОР

## Дар бораи тасдиқи Номгӯи ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ

(тағйирот дароварда шуд аз 1.09.2015 № 561 дар матни аслӣ)

Мутобиқи моддаҳои 7 ва 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ" ва бо мақсади муайян намудани мақоми ваколатдори татбиқи танзими давлатӣ ва идоракунӣ дар соҳаи бамеъёрдарории техникӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Вазифаҳои мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ, масъули ташкили корҳои бамеъёрдарории техникӣ ба зиммаи Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шаванд.

2. Номгӯи ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ, (регламентҳои техникии муваққатӣ) тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

3. Вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати татбиқи қарори мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 30 декабри соли 2009 № 704

ш. Душанбе